***ТКБ 902/904***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-41-44***

# САҲМИ БОСТОНШИНОС Т. В. БЕЛЯЕВА ДАР ҲАФРИЁТИ ҚАЛЪАИ ХУҶАНД

***Бобоҷонова Муаззама Раҳмадҷоновна**, муаллимаи кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ВКЛАД АРХЕОЛОГА Т.В.БЕЛЯЕВОЙ В ИЗУЧЕНИЕ ХУДЖАНДСКОЙ КРЕПОСТИ

***Бободжанова Муаззама Рахмаджоновна,** преподаватель кафедры археологии, этнографии и религиоведения ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# CONTRIBUTION OF ARCHAEOLOGIST T.V. BELYAEVA TO THE STUDY OF THE KHUJAND FORTRESS

***Bobojonova Muazzama Rahmadjonovna,** teacher of the Department of Archaeology, Ethnography Religious Studies of SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** muazzama_1990@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: таърихи Хуҷанд, Т.В.Беляева, бостоншиносӣ, Искандарияи Ақсо, қалъаи Хуҷанд, сафолпора*

*Мақола ба баррасии саҳми бостоншинос Т.В.Беляева дар ҳафриёти Қалъаи Хуҷанд ихтисос дода шудааст. Тазаккур меравад, ки ковишҳои бостоншиносӣ нишон дод, ки шаҳри Хуҷанд таърихи беш аз 2500 сола дорад. Дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар канори дигар бостоншиносон саҳми Татяна Владимировна Беляева хеле бузург аст. Мавсуф дар натиҷаи ҳаффориҳо осори асрҳои VIII-V томелодро ба даст оварد. Маҳз ҳамин маводи ҳафриёти бостоншинос Т.В.Беляева появу асоси ҷашнгирии 2500-умин солгарди шаҳри Хуҷанд шуд. Бостоншиносон дар ҳудуди шаҳр ва ҳамчунин дар масоҳати дохилии қалъа, осори зиёди давраҳои қадимаро пайдо намуданд, ки дар ин ҷода низ хизмати Т.В.Беляева чашмрас аст.*

***Ключевые слова:** история Худжанда, Т.В.Беляева, археология, Александрия Эсхата, Худжандская крепость, фрагменты керамики*

*Статья посвящена рассмотрению вклади археолога Т.В.Беляевой в раскопки и изучении Худжандской крепости. Подчёркивается, что археологические раскопки свидетельствуют, что Худжанд имеет более чем 2500-летнюю историю. Отмечается, что в решении этой проблемы, наряду с другими учёными, большая заслуга принадлежит Т.В.Беляевой. Именно этот археолог в ходе раскопок получила в руки материалы VIII-V вв. до н.э, которые стали основой для празднования 2500-летнего юбилея Худжанда. Археологи раскопали на территории города и крепости много артефактов древнего периода. Эти находки свидетельствуют о богатой и древней истории Худжанда. Т.В.Беляева внесла свой большой и ценный вклад в археологию Худжанда.*

***Key words**: history of Khujand, T.V. Belyaeva, archeology, Alexandria Eshata, the Khujand fortress, fragments of ceramics*

*The given article reveals the contribution of famous Russian archeologist T.K. Belyaeva to archeological excavations of the Khujand Fortress. It was this archaeologist who found remnants from the VIII-V centuries BC which became the basis for the celebration of the 2500-year anniversary of Khujand. Archaeologists have unearthed many artifacts of the ancient period on the territory of the city and the fortress. These findings testify to the rich and ancient history of Khujand. T.V.Belyaeva made her great and valuable contribution to the archeology of Khujand.*

Хуҷанди бостонӣ яке аз марказҳои тамаддуни Осиёи Марказӣ буда, аз қадим дар маркази таваҷҷӯҳи бостоншиносон ва ҷуғрофидонҳо қарор доштааст. Дар таҳқиқи таърихи шаҳри Хуҷанд саҳми бостоншиносон Н.Н.Неъматов, А.К.Мирбобоев, С.Ш.Марофиев, Н.Т.Раҳимов, А.И.Билалов, Т.В.Беляева бузург аст. Вале аз байни ин ҳама бостоншиносон хизмати Татяна Владимировна Беляева дар кофтуков ва таҳқиқи бостоншиносии ин шаҳри қадима хеле назаррас аст. Ӯ яке аз таҳқиқгарони таърих ва фарҳанги Хуҷанд ба шумор рафта, дар рушди илми бостоншиносии тоҷик, таҳқиқи таърихи Хуҷанди қадима ва дигар осори атиқии Осиёи Марказӣ саҳми калон гузоштааст.

Ин бостоншинос, ки донандаи маданияти бостонии Осиёи Миёна буд бо кофтукови ёдгориҳои зиёд дар қаламрави Ӯзбекистон ва Тоҷикистон машҳур гардидааст. Дар давраи фаъолияти илмии худ Т.В.Беляева дар омӯзиши ёдгориҳои бостонии Осиёи Миёна саҳми арзанда гузаштааст. Т.В.Беляеваро дар робита ба бозёфтҳо ва ҳафриётҳои муваффақ

бостоншиноси хушбахт ва муҳаққиқи муваффақ медонистанд. Аз ҷумлаи дастовардҳои Т.В.Беляева, кашфи ганҷинаи ашёи тиллои Дилварзин, ҳафриёти шаҳри афсонавии бостонии Искандарияи Ақсо, кашфи шаҳраки Нуртеппа – ёдгории охирини асри бирирнҷӣ ва ёдгории оҳани барвақтро дар вилояти Суғд қайд кардан лозим аст. Албатта, номи “бостоншиноси хушбахт”-ро гирифтани ӯ сабаб дорад, тамоми дастовардҳои Т.В.Беляева, пеш аз ҳама, натиҷаи ҷустуҷӯи пайваста, заҳматҳои зиёд дар саҳро, коркард дар утоқи корӣ ва омӯхтани адабиёти илмӣ мебошад.

Татяна Владимировна Беляева 4 июли соли 1942 дар ноҳияи Кирови шаҳри Тошканд дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1962 Т.В.Беляева ба шӯъбаи таъриху археологияи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тошканд дохил шуд. Дар ин ҷо вай дар қатори дигар донишҷӯёнӣ кафедраи бостоншиносӣ шогирдони патриархи мактаби бостоншиносии Осиёи Марказӣ, профессор М.Е.Массон (1897-1986) буд. Тамоми донишу маҳорат, усулҳои ҳафриёт ва татбиқи маъхазҳои хаттӣ роҳҳои омӯзиши ёдгориҳо, ки Т.В.Беляева ҳангоми таҳсил дар факултети таърих омӯхта буд, барои фаъолияти минбаъдаи илмияги заминаи мустаҳкам гардиданд. Соли 1967 Т.В.Беляева таҳсилро дар донишгоҳ бомуваффақият ба итмом расонда, ба ҳайси лаборанти калони бахши таърихи санъат ва меъмории кафедраи санъати тасвирии Пажӯҳишгоҳи таърихи санъати ба номи Хамзаи шаҳри Тошканд ба фаъолият шурӯъ намуд, Т.В.Беляева то соли 1975 дар маркази илмӣ вазифаи ходими хурди илмиро адо намудааст.

Дар пажӯҳишгоҳ Т.В.Беляева ҳамчун мутахассис ва муҳаққиқи ояндаи илми бостоншиносӣ ташаккул ёфт. Ҳанӯз аз ҳамон давра оғоз намуда аввлин қадамҳо ба сӯи илм ниҳод ва ҳангоми лаборант буданаш дар кофтукову археологӣ бо роҳбарии Г.А. Пугаченкова иштирок менамуд.

Ба Татяна Владимировна Беляева кашфи ганҷи маъруфи ашёи тилло аз шаҳри Кушони Дилварзинтеппа, воқеъ дар ноҳияи Шӯрчаи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон аст. Дар ибтидои солҳои 70-ум Т.В.Беляева ходими илмии Институти санъатшиносӣ буда, дар экспедитсияҳои археологии ҷануби Ӯзбекистон иштирок намуд. Ҳангоми ҳафриёти шаҳраки Дилварзинтеппа Т.В.Беляева дар хандақи ДТ-5 роҳбарӣ мекард. Рӯзи кашфиёт 25 сентябри соли 1972 буд: дар ин рӯз Т.В.Беляева ҳамроҳи донишҷӯён дар ковтукоб кор карда, дар таърихи вилоят калонтарин хазинаи ашёи тиллоро кашф кард, ки аз 115 ашё иборат буда, вазни умумиашон қариб 36 килограмм буд. Баъди омӯзиши ашёи ёфтшуда ганҷинаро ба асри 1 мелодӣ мансуб донистанд “Ин бозёфт” барои омӯзиши маданияти моддӣ ва маънавии давраи Кушониён маводи бебаҳо буд.

Соли 1975 Т.В.Беляева бо даъвати профессор Н.Н.Неъматов - сардори экспедитсяи комплексии археологии Тоҷикистони шимолӣ (ЭКАТШ – СТАКЭ), ба Тоҷикистон омад. Вай дар Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониш ба фаъолият оғоз намуда, ба дастаи СТАКЭ ҳамроҳ шуд.

Дар давраи минбаъда аз соли 1975 то соли 1990 Т.В.Беляева аввал лаборанти калони бахши таърихи фарҳанг ва баъд ходими хурди илмии бахши таърихи фарҳанг, ходими калони илмии шӯъбаи таърихи фарҳанги Пажӯҳишгоҳи таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон кор кардааст. Т.В.Беляева пас аз шурӯъ фаъолият дар Пажӯҳишгоҳи таърихи ба номи Аҳмади Дониш соли 1975, иштирокчии фаъоли тадқиқоти саҳроии экспедитсияи комлексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ гардид. Дар аввали мавсими саҳроӣ дар ҳайати дастаи Ленинобод ба кофтукови ҳудуди қалъаи Хуҷанд шурӯъ намуд. Вазифаи дастае, ки дар асоси шартномаи хоҷагӣ бо Ҷамъияти муҳофизати ёдгориҳои таъриху маданияти ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шуда буд, аз он иборат буд, ки корҳои археологию меъморӣ оид ба консерватсия ва барқароркунии Хуҷанд тавсияҳои илмӣ тайёр кунад. Ҳанӯз дар ибтидои фаъолият аз ҷониби Т.В.Беляева доир ба давраҳои гуногуни ҳаёти Хуҷанд маводи арзишнок ба даст оварда шуданд. Махсусан кашфи бахше аз девори шарқии Хуҷанди бостонӣ буд, ки аз маъхазҳои хаттӣ бо номи Искандарияи Ақсо (Канора) маълум аст. Ба гуфтаи муаллифони қадим, яке аз 12 шаҳре, ки буданд, бо фармони Искандари Мақдунӣ сохта шуда, ба номи ӯ номгузорӣ шудааст.

Дар бисёр шурфҳои солҳои қаблӣ қабатҳои замонҳои қадим бо пораҳои сафолӣ ва дигар осори ҳаёт пайдо шуданд, аммо девори шаҳраки бостоние, ки Т.В.Беляева тоза карда буд, далели асосӣ барои маҳаллисозии Искандарияи Ақсо дар зери биноҳои муосири қалъаи Хуҷанд гардид. Девори ёфтшуда аз хишти гилин андозааш 42-43x32x14-15 см ва 46x26-28x14см сохта шуда, ба қаторҳои сангфарш бо гили то 10 см ғафсӣ молида шудааст[1, 14, 291; 7; 17, 11-15].

Солҳои минбаъда (аз соли 1976 сар карда) Т.В.Беляева ҳамчун сардори даста ҳафриётро дар ҳудуди Хуҷанди қадим ва асримиёнагӣ идома дод [3,С. 263-282]. Ҳангоми кофтуковҳо Т.В.Беляева ба омӯзиши кулолгарии Хуҷанд мароқи зиёд зоҳир намуд. Таҷрибаи ҷамъшуда Т.В.Беляеваро ба яке аз донандагони беҳтарини сафол табдил дод. Ин ба вай имкон дод, ки санаи қабатҳои таҳқиқшударо аниқ кунад, робитаи маданию иқтисодии ёдгориҳои кофташударо аз рӯи хусусиятҳои сафолӣ муайян созад ва мансубияти ёдгориро ба ин ё он тамадун ошкор намояд. Ин гуна донишҳо барои омӯхтани ёдгории бисёрқабата, монанди қалъаи Хуҷанд зарур буд. Т.В.Беляева ҳангоми ковтуков дар ҳудуди қалъа барои тамоми давраҳои ҳаёти Хуҷанд маводи бойи сафолӣ ба даст овардааст. Бузургтарин объекти кори Т.В.Беляева дар Хуҷанд шурфи статиграфии №29 мебошад, ки соли 1975 оғоз шуда буд. Ин шурф (бо масоҳати 16х4 м) дар Арки қалъаи Хуҷанд гузошта шуда, ба сатҳи материк бароварда шудааст (чуқурии 27 м) [5,С.335-347; 6, 350-358]. Ҳангоми кофтукови шурф статиграфияи ёдгориро мушоҳида кардан мумкин буд ва он имкон дод, ки ва масъалаҳои даврабандии таърихи инкишофи кулолгарӣ ва ҳунари сафолпазии Хуҷанд аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX ошкор карда шаванд [7]. Як қатор мақолаи Т.В.Беляева ба масъалаҳои омӯзиши бозёфтҳои сафолӣ бахшида шудаанд [4, с.38-51; с.8, 215-228; 13, с.79-81]. Даврабандии маснуоти сафолие, ки Т.В.Беляева таҳия намуд, оянда барои таҳқиқи таърихи истеҳсоли сафолии шаҳри Хуҷанд дар давраи қадим ва асрҳои миёна асос гардид. Бостоншинос ҳангоми ҳафриёт дар Хуҷанд бисёр бозёфти ҷолиб ба даст овард, аз ҷумла намунаҳои сафолҳои қадимаи Осиёи Миёна ва ибтидои асримиёна, ҳайкали савораи аз оҳан рехташуда ва ғайраҳо.

Баробари ҳафриёти саҳроӣ Т.В.Беляева дар тӯли фаъолияти илмии худ, корҳои зиёди илмиро низ ба анҷом расонидааст, ки он дар зиёда аз 100 осори илмӣ инъикос ёфтааст [9, С.11-12]. Барои меҳнати пурсамар ӯ соли 1989 бо медали “Собиқадори меҳнат” мукофотонида шудааст. Соли 1990 Т.В.Беляева аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон кӯч баста, дар шаҳри Тошканд фаъолият бурдааст. Дар онҷо низ таҳқиқи таърихи Хуҷандро давом дода, доир ба Хуҷанди архаики, Хуҷанди замони атиқа(Искандарияи Ақсо) ва археологияи Хуҷанди асрҳои миёна якчанд мақолаи илмӣ таълиф намуд. Мутаассифона, китоби ҷамъбастии Т.В.Беляева - монография доир ба таърихи сафолгарии Хуҷанд чоп нашуд.

Бостоншиноси хуҷандшинос Т.В.Беляева 20 сентябри соли 2017 дар шаҳри Тула (Федератсияи Русия) даргузашт. Гуфтан мумкин аст, ки асарҳои Т.В.Беляева ҳеҷ гоҳ аҳамияти худро гум нахоҳад кард ва барои бостоншиносони оянда, ки таърихи маданияти модии халқҳои Осиёи Марказиро таҳқиқ мекунанд, дастурамал хоҳад шуд.

Саҳм ва хизмати бостоншинос Т.В.Беляева дар омӯхтани археологияи Хуҷанди бостонӣ басо бузург ва беҳамто аст. Ӯ тамоми умри гаронмояи худро ба ҳафриёт ва омӯзиши бостон Хуҷанд бахшидааст. Вай ҳатто барои таҳқиқи қалъаи Хуҷанд гоҳо ба қурбонӣ ва таҳқир низ рӯ ба рӯ шуда буд. Бостоншинос Н.Н.Неъматов дар яке аз мусоҳибаҳояш таъкид менамояд, ки ӯро ҳатто барои кандаки асфалти паси театри вилояти латукӯб кардаанд[15].Мутаассифона, на ҳамеша одамони хайрхоҳ ва мефаҳмидагӣ ба ӯ рӯ ба рӯ мешуданд, аммо қатъӣ назар аз ин ҳама Т.В.Беляева ба касбу вазифаи дӯстдоштааш-ҳаффории Қалъаи Хуҷанд ва атрофи он содиқ монд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Беляева Т.В. К открытию древнего поселения на территории Ленинабада/Т.В.Беляева // История и археология Средней Азии. – Ашхабад, 1978.-С.41-47
2. Беляева, Т.В. Исследования в Ленинабадской области/ Т.В.Беляева //Археологические открытия 1979 г. – М., 1980. – С.470-471
3. Беляева, Т.В. О работе Ленинабадского отряда в 1976 г./Т.В.Беляева// АРТ. Вып.16 (1976г.). – Душанбе, 1982. – С.263-282.
4. Беляева, Т.В. Художественная керамика XIII-XIX вв.//Средневековая городская культура Казахстана и Средней Азии/Т.В.Беляева.–Алма-Ата, 1983. - С.38-51.
5. Беляева, Т.В. Некоторые итоги работ Ходжентского отряда в 1978 г.// АРТ. Вып.18 (1978 г.)/Т.В.Беляева.–Душанбе, 1984. – С. 335-347
6. Беляева, Т.В. О работах Ходжентского отряда в 1980 г.//АРТ. Вып.20 (1980 г.)/Т.В.Беляева.–Душанбе, 1986. – С.350-358
7. Беляева, Т.В. Архаический, древний и средневековый Ходжент / Т.В.Беляева//Исследования по истории и истории культуры Ленинабада. – Душанбе, 1986.-С.82-100
8. Беляева, Т.В. Глазурованная керамика IX-XII вв. из Ходжента / Т.В.Беляева, //Материальная культура Таджикистана. Вып.4. – Душанбе, 1987. – С.215-228.

9. Беляева, Т.В. Исследования Нуртепа в 1982 г./Т.В.Беляева//АРТ. Вып.22 (1982 г.). – Душанбе, 1990. – С.23-33.
10.Беляева, Т.В. К исторической топографии городов Уструшаны/ Т.В.Беляева//Древняя и средневековая археология Средней Азии. – Ташкент, 1990.-С.82-100
11.Беляева, Т.В. О раскопках на Нуртепа и в Худжанде/Т.В.Беляева// АРТ. Вып.25 (1985 г.). – Душанбе, 1994 – С.19-22.
13.Беляева, Т.В. Христианский памятник из Ходжента// Из истории древних культов Средней Азии: Христианство/Т.В.Беляева. –Ташкент, 1994. – С.79-81.
14.Билалов, А.И. Исследования цитадели Ходжента в 1975 г.//АРТ. Вып. 15 (1975 г.)/ А.И.Билалов,Т.В.Беляева.–Душанбе, 1981. – С.281-294.
15.Курбанова, М. Нуман Негматов: «Таджикский феномен» http://www.toptj.com/News/2007/03/01/numan_negmatov_tadzhikskiy_fenomen
16.Негматов, Н.Н. Исследование Нуртепа в 1981 г./ Н.Н.Негматов, Т.В.Беляева //АРТ. Вып.21(1981 г.). – Душанбе, 1988. - С.19-21
17.Негматов, Н.Н. Общий отчёт об исследованиях Нуртепа в 1980-1985 гг. и предложения по дальнейшему изучению и сохранению памятника/Н.Н.Негматов,Т.В.Беляева//АРТ. Вып.25 (1985 г.). – Душанбе, 1994. - С.23-29
18. Рахимов, Н.Т.Античный Худжанд по данным археологии/ Н.Т.Рахимов, М.Бободжанова //Учёные записки Худжандского государственного университета им.акад.Б.Ғафурова. Серия гуманитарно- общественных наук.-2022- №1(70). – С.11-15.

**REFERENCES:**

1. Belyaeva, T.V. On the discovery of an ancient settlement on the territory of Leninabad// History and archeology of Central Asia. – Ashgabat, 1978.
2. Belyaeva, T.V. Research in Leninabad region//Archaeological discoveries of 1979 – M., 1980. – pp.470-471
3. Belyaeva, T.V. About the work of Leninabad detachment in 1976// ART. Issue 16 (1976). – Dushanbe, 1982. – p.263-282.
4. Belyaeva, T.V. Artistic ceramics of the XIII-XIX centuries //Medieval urban culture of Kazakhstan and Central Asia. – Alma-Ata, 1983. - p.38-51;
5. Belyaeva, T.V. Some results of the work of Khodjent detachment in 1978// ART. Issue 18 (1978). – Dushanbe, 1984. – pp. 335-347
6. Belyaeva, T.V. About the works of the Khojent detachment in 1980//ART. Issue 20 (1980). – Dushanbe, 1986. – pp.350-358
7. Belyaeva, T.V. Archaic, ancient and medieval Khodjent //Studies on the history and cultural history of Leninabad. – Dushanbe, 1986.
8. Belyaeva, T.V. Glazed ceramics of the IX-XII centuries from Khodjent //Material culture of Tajikistan. Issue 4. – Dushanbe, 1987. – pp.215-228.
9. Belyaeva, T.V. Nurtep's research in 1982//ART. Issue 22 (1982). – Dushanbe, 1990. – p.23-33.
10. Belyaeva, T.V. On the historical topography of the cities of Ustrushany//Ancient and medieval archaeology of Central Asia. – Tashkent, 1990.
11.Belyaeva, T.V. Excavations at Nurtepa settlement in 1984 // ART. Issue 24 (1984). – Dushanbe, 1993.
12. Belyaeva, T.V. About excavations on Nurtepa and in Khujand// ART. Issue 25 (1985). – Dushanbe, 1994 – p.19-22.
13. Belyaeva, T.V. Christian monument from Khodjent// From the history of ancient cults of Central Asia: Christianity. – Tashkent, 1994. – p.79-81.
14. Bilalov, A.I., Belyaeva T.V. Studies of the citadel of Khodjent in 1975//ART. Issue 15 (1975). – Dushanbe, 1981. – p.281-294.
15.Kurbanova, M. Numan Negmatov: “Tajik phenomenon” http: //www.toptj. com/ News/2007/03/01/numan_negmatov_tadzhikskiy_fenomen
16. Negmatov N.N., Belyaeva T.V. Nurtepa's research in 1981//ART. Issue 21 (1981). – Dushanbe, 1988. - pp.19-21
17. Negmatov N.N., Belyaeva T.V. General report on the research of Nurtepa in 1980-1985 and proposals for further study and preservation of the monument//ART. Issue 25 (1985). – Dushanbe, 1994. - p.23-29
18. Rahimov N.T., Bobojonova M. Ancient Khujand on archaeological data //Scientific notes of Khujand State University. - №1(70). – P.11-15